**ТАҚРИЗИ**

**рохбари илмӣ ба диссертатсияи Муродзода Мухсин Муқим дар мавзӯи "Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02- Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Масоили ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Тоҷикистони муосир яке аз масаъалҳои муҳими дар сиёсати давлатии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, мавзуи мубрами омузишии илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносии ватанӣ мебошад.

Ҷавонон қишри асосии ҷомеаи имрӯзаи кишварро ташкил медиҳанд ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа муҳим мебошад. Дар масири солҳои соҳибистиқлолӣ сиёсати давлатии дар самти кор бо ҷавонон дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, корҳои зиёд, аз ҷумла ислоҳоти институтсионалӣ гузаронида шуд ва таҳияи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ омодаву тасдиқ гардиданд. Дар асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мавзӯи ташаккули ҳувияти миллии тоҷикон диққати аввалиндараҷа дода шудааст. Бояд тазаккур дод, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи анъанаҳои миллӣ, ҳифзи забон ва фарҳанги тоҷикон корнамоии фавқуллода кардаанд. Ҳамчунин баҳри рушди соҳаи мазкур дар кишвар инфрасохтори зарурӣ барои машқу тамрин ва рушди ҳаёти варзишӣ бунёд гардидва кор дар ин самт идома дорад. Фаъолият дар самти кор бо ҷавонон ва тарбияи дурусти онҳо хосияти мунтазам дошта, пайваста ба такмил ниёз дорад.

Дар ҷаҳони иттилоотӣ воридшавии ахбори зиёд ва фаъолияти васеъи шабакаҳои иттилоотӣ-интернетӣ собит сохтааст, ки аз ҳама зуд ҷавонон ба гурӯҳои тундрав ва ифротгароӣ гирифтор мешаванд. Дар ҷаҳони имрӯз иттилоърасонӣ яке аз шеваҳои асосии баланд бардоштани маърифати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва он тавассути рӯзномаю маҷалла, шабакаҳои радиоию телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба амал баровардa мешавад. Аз ин рӯ,

тарбия ва баланд бардоштани хувияти миллии ҷавонон мавзӯи мубрам дар таҳқиқоти илмҳои ҷомеашиносӣ боқӣ мемонад.

Даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳ ба мафҳуми ҳувият дар саросари ҷаҳон афзоиш ёфтааст. Ҳувияти миллӣ ба заррабине монанд аст, ки тавассути он бисёр хусусиятҳои муҳими ҳаёти муосири дилхоҳ ҷомеа барраси арзёбӣ ва омӯхта мешаванд.

Мусаллам аст, ки ҷавонон аз нуктаи назари сиёсӣ ва равони як мавзуи махсуси иҷтимоӣ мебошанд, ки бояд дар ояндаи наздик мундаричаи воқеияти сиёсии Тоҷикистонро муайян кунанд. Аз ин лиҳоз омӯзиши раванди ташаккул ва ҳувияти миллии ҷавони тоҷик, дарки назариявии давраи ҳозираи рушди ҷомеа, арзёбии таъсири падидаҳон ҷаҳонишавӣ, технологияи муосири иттилоотӣ ба ҳувияти ҷавонони тоҷик имрӯз барои илмҳои ҷомеашиносии ватанӣ, хусусан барои сиёсатшиносӣ басо муҳим аст. Чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки бо назардошти таҳаввулоти ҳаррӯза дар ҷаҳони муосир сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон такмил ёбад.

Дар олами муосир барои ҳар як давлат масъалаи ҳувияти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Давлати тавоно ва пойдорро бидуни ваҳдати миллӣ, ҳисси дарки ҷомеаи миллӣ, манфиатҳо ва арзишҳои муштараки миллӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ваҳдати миллӣ ҳар қадар кавитар бошад, масъулияти шаҳрвандӣ ҳамон кадар баландтар ва эҳтимолияти амалҳои муштарак аз номи миллати мушаххас зиёдтар мешавад.

Диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муким ба омузиши масъалаҳои муҳими сиёсатшиносӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таври комплекси омӯхта карда, роҳҳои нави таҳкими ин падидаро ошкор кардааст.

Муродзода Муҳсин Муким тавонистанд мақсад, объект ва предмети таҳқиқот худро муайян ва консепсия омузишӣ ва тахлили худро дар доираи он таҳия ва амалӣ намояд. Ин бошад ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқот да доира максад вазифаҳои гузошта ба анҷом расонад.

Муаллифи тадқиқот навиштааст, ки ҳувияти миллӣ аслан як тарҳи сиёсӣ буда, ҷавҳари истиклоли давлатии дилхоҳ кишвари дунёро ташкил медиҳад. Дар ташаккули ҳувияти миллӣ ҳам забон ва фарҳанги миллӣ, ҳам иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ, ҳам тарзи хоҷагидории миллӣ иштирок доранд. Аммо раванди ташаккули ҳувияти миллӣ як раванди динамикии муддавом асту ҳеч гоҳ сукут намекунад. Вобаста ба тағйирёбии тамоилҳои геополитикӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаи ҷаҳони сохтор ва унсурҳои ҳувияти миллӣ такмил меёбанд ва сифатан беҳтар мегарданд. Ҳар миллате, ки дар бораиояндаи давлатдории милли худ андеша меронанд, ҳатман ба таҳкими ҳувияти миллии шаҳрвандон ва хусусан қишри ҷавони ҷомеа таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад. Зеро аз сатҳу сифати ҳувияти миллии ҷавонон, тақдириояндаи давлат муайян мегардад.

Диссертант собит намуд, ки маҳз ҳувияти ташаккулёфтаи миллии ҷавонони тоҷик барои паҳншавии идеологияи экстремизми динӣ дар ҷомеаи точик монеа эҷод мекунад. Ба акидаи ӯ таҳкими ҳувияти чавонони точик як амали муддавом бошад ва ба он тамоми қишрҳои ҷомеа чалб карда шаванд. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки талоши тамоми кувваҳои иртиҷоиву ифротӣ барои таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷавонон ва моил сохтану истифодаи қувваи бузурги онҳо барои амалӣ намудани ҳадафҳои муғризонаи худ равона шудааст, ҷавонони точик бояд бисёр хушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва манфиатҳои милливу давлатиро ҳатто як лахза ҳам фаромуш накунанд.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳ хуб илмӣ таълиф шуда, талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ба инобат гирифт шудаанд. Да раванд таълиф диссертатсия ҳама муқаррароти аз чониби КОА назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муайяншуда ба пуррагӣ риоя гардидааст.

Автореферат ва интишорот муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар асоси омӯзиши дақиқи диссертатсия ба хулоса омадан мумкин аст, ки кори илмии Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзӯи “Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ” таҳқиқоти мустақил ва ба анҷом расида аст, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат мекунад ва Муродзода Муҳсин Муқим сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодхо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент,
Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев _____________ Комилбек Амид Ёрбек

Имзои Комилбек Амид Ёрбекро,
тасдиқ мекунам. Сардори Раёсати
кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев _____________ Н.С. Сидраҳмонов